**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

---

аз «04» 08 соли 2025 № 283/шд ш. Душанбе

Дар бораи қатъи фаъолияти шурои диссертатсионӣ

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, №270 тасдиқ шудааст, банди 7, сархати якуми банди 121 ва банди 122 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 74, 81, 82 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), бандҳои $21^{1}$, 31, 33, 35, 42, 69, 72, 74, 79 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва бартараф накардани камбудиҳо дар мавриди қабул ва баррасии диссертатсияҳои Давлатов Муслим Сайбурҳонович, Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна, Ибрагимова Машҳурахон Тураҷоновна ва Аюбзода Хуршеда фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қатъ карда шавад.

2. Ҳимояи диссертатсияҳои Нажмудинзода Рисолат Хайридин, Аламурадова Робия Аланазаровна, Сафялоева Лола Субҳоновна, Орзузода Парвина Ҷамолидин ва Бахетгули Аймайти, ки то имзо шудани фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ҷойгир шудаанд, тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ҳокимхон Ализода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.

4. Назорати ичрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2025, №8

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Давлатзода С. Х.